# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) – Душанбе, 2023. – 173 с.**

Равобити адабию фарҳангии Арабу Аҷам ва таъсири мутақобалаи адабиёти араб ва форсу тоҷик решаҳои амиқи таърихӣ дошта, ҳанӯз дар даврони тоисломӣ ташаккулу таҳаввул намудаву сипас дар аҳди исломӣ рушди бесобиқа пайдо кардаанд ва ин мухтассот дар замони навин низ таҷассуми бориз доранд. Хушбахтона, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон деворҳои сунъии миёни халқи тоҷик ва халқҳои мамолики ҷаҳон бунёдгашта дарҳам шикаста шуданд ва имкони густариши равобити миёни Тоҷикистону кишварҳои араб фароҳам омад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ривоҷи забону адабиёти араб то ҳадди зиёде ба шахсиятҳои илмию адабии эронитабор пайвастагии қавӣ дошта, маҳз онҳо пояҳои тамаддуни исломиро таҳким бахшида ва қисмати аъзаме аз осори арзишманди адабиёти арабро падид овардаанд. Дар робита ба ин, яке аз намояндагони машҳури адабиёти форсу тоҷики садаҳои XI-XII шоиру донишманди номвар Умари Хайём ба шумор меравад, ки бо эҷодиёти ғаноманди худ дар Машриқу Мағриб маъруфияти баландро соҳиб гардида, то ба имрӯз ҳаводорони каломи нобаш дар татаббуъ аз ӯ ва ба шеваи нигориши ӯ ашъор месароянд. Ҳамин вижагӣ дар эҷодиёти шоирони муосири араб низ равшан ба зуҳур омадааст.

Адабиёти навини араб дар асрҳои XIX-XX вусъат ва густардагии беш аз пеш пайдо кард, вале ин адабиёт ва намояндагони он дар

арабшиносии ватанӣ ва хориҷӣ то кунун ба доираи таҳқиқу пажуҳиши ҳамаҷониба кашида нашудааст. Мусаллам аст, ки бидуни омӯхтани адабиёти муосири араб дар бораи таъсир ва таассури адабиёти араб ва форсу тоҷик дар давраи навин наметавон тасаввур ва дидгоҳи комиле ҳосил намуд. Ҷойи чунин таҳқиқ дар адабиётшиносии тоҷик ва араб воқеан то кунун холӣ буд ва диссертатсияе, ки Сайфуллоев М.Ҳ. ба анҷом расонидааст, ин холигоҳро пур мекунад.

Аз ин ҷо, мавзуи диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич таҳти унвони «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» қарор гирифтани таҳқиқи эҷодиёти Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём қобили дастгирист ва иқдоми муҳим дар омӯзиши адабиёти навини араб маҳсуб мешавад. Пажуҳиши мазкур давоми мантиқии робитаҳои илмӣ ва таъсири мутақобалаи адабиёти тоҷик ва араб дар аҳди муосир буда, барои равшанӣ андохтан ба паҳлӯҳои адабиёти татбиқӣ, хусусан таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Хайём аҳаммияти илмӣ дорад. Аҳаммият ва навгонии илмии диссертатсия боз дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст ҷанбаҳои бунёдии осори Илё Абумозӣ, мавзуъҳои асосии ашъори шоир, таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва таҷассуми онҳоро дар эҷодиёти шоир ба субут расонида, бо ҷуръати том ба боз кардани нуктаҳои барои илми муосири тоҷик номакшуф тавфиқ ёбад.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ фарогири муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт мебошад.

Дар қисмати оғозини диссертатсия Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич нуктаҳои асосии таҳқиқи хеш, монанди мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, навовариҳои илмӣ, сарчашмаҳову равиши кор, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ пешниҳодшаванда ва маълумоти дигари марбут ба меъёрҳои сохтории диссертатсияро

тибқи талабот шарҳу тавзеҳ дода, доираи масъалаҳои баҳсталаби мавзуъро мушаххасу мудаллал нишон медиҳад ва доир ба шинохти ҷойгоҳи Илё Абумозӣ дар густураи адабиёти араб ва таассури ӯ аз Умари Хайём огоҳона изҳори назар менамояд.

Боби якуми диссертатсия **«Рӯзгор ва осори Илё Абумозӣ»** унвон гирифта, муаллиф дар маҳдудаи чор фасли ин боб бо такя ба сарчашмаҳои зиндагиномаи шоир, осори ӯ ва таҳқиқоти илмии муосир масъалаҳои вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии замони зиндагии Абумозӣ, мероси адабии ӯ, фаъолияти шоир ҳамчун намояндаи барҷастаи адабиёти «Маҳҷар» ва андешаҳои иҷтимоиро дар эҷодиёти шоир мавриди баррасӣ қарор медиҳад, то тарҷумаи ҳоли Илё Абумозӣ, фаъолияти ӯ дар Лубнону Миср, иртиботи вай бо ҳукумати давр ва қаринаи авзои сиёсиву фарҳангии садаи XX ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Дар ин боб муаллиф ҳамчунин барои таъйини ҷойгоҳи ҳунарии Илё Абумозӣ дар ҳаёти адабиву фарҳангии давр кӯшида, ин корро бо такя ба назари донишмандони муосир ва зимни баррасии таълифоти адабиву бадеӣ ва илмиву фарҳангии ин шоири тавоно анҷом додааст. Дар ин росто, муҳаққиқ таркиби панҷ девони ашъори шоир, моҳияти маълумоти таҳқиқоти донишмандони муосирро дар хусуси ҷойгоҳи шоир ва муҳтавои мероси маънавии суханвар мавриди пажуҳиши амиқ қарор додааст. Чунин назари фарогир ба фаъолияти шахсияти мавриди таҳқиқ ба диссертант имкон додааст, ки Илё Абумозиро барои аҳли тадқиқ ҳамчун шоири бузурги араби огоҳ аз суннатҳои Арабу Аҷам, рӯзноманигор ва адиби барҷаста муаррифӣ намояд ва ба ин васила равзанаи тозаеро дар таҳқиқи рӯзгор ва осори ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик ва филологияи араб боз кунад.

Дар фаслҳои боби дуюми диссертатсия, ки **«Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб ва эҷодиёти Илё Абумозӣ»** номгузорӣ шудааст, сайри таърихие роҷеъ ба таъсири рубоиёти Умари

Хайём ба адабиёти араб ва баъдан таҷассуми ақидаҳои ин шоири забардаст дар адабиёти навини араб мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар фасли аввал омӯзиши аҳвол ва осори Умари Хайём, аз ҷумла рубоиёти ӯро дар кишварҳои арабӣ мувофиқи мақсад шуморидааст, ки дар самти хайёмшиносӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар фасли дувуми ин боб қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки шеъри мазкур дар зери таъсири андешаҳои Умари Хайём ва дар татаббуъ аз ӯ суруда шудааст. Табиист, ки масъалаҳои мазкур мавриди таваҷҷуҳи диссертант дар ин боб қарор гирифта, дар сатҳи шоиста тадқиқ шудаанд.

Шуҳрати беназири Илё Абумозӣ ба қасидаи «Талосим»-и ӯ пайванд мегирад. Бинобар ин, унвонҷӯ дар қисмати бештари боби дуюм доир ба таассури шоир аз рубоиёти Умари Хайём дар ин қасида андешаронӣ намуда, дар робита ба ин, чунин натиҷагирӣ менамояд, ки таъсирпазирии Илё Абумозӣ тавассути тарҷума сурат гирифта, ғайримустақим мебошад. Кӯшиши диссертант доир ба таҳқиқи равиши эҷоди қасидаи «Талосим» ва таъсирпазирии шоир аз шеваи баёни Умари Хайём муваффақона анҷом пазируфта, ҳосили он таъйини арзиши ин қасида ва таҷассуми бардошту таассури шоир аз афкори фалсафии Умари Хайём маҳсуб мешавад.

Аз дастовардҳои муаллифи диссертатсия дар ин боб он аст, ки бо истинод ба маълумоти таҳқиқоти муосир ӯ тарҷумаҳои ба арабӣ суратгирифтаи рубоиёти Умари Хайёмро ба чор қисмат тақсимбандӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои хосси ашъори арабии ин суханвари мумтозро иброз доштааст. Мурури диссертант ба таърихи суруда шудани қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ ва таҳқиқи шеваи таъсирпазирии ӯ аз Умари Хайём шаҳодати боризи вусъати ҷустуҷӯҳои илмӣ ва огоҳии комили ӯ аз ҷузъиёту тафсилоти мавзуи диссертатсия маҳсуб мешавад.

Дар меҳвари боби сеюми диссертатсия, ки **«Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва Илё Абумозӣ»** унвонгузорӣ шуда, аз чор фасл фароҳам омадааст, таҳқиқи чигунагии таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Хайём қарор дорад. Вобаста ба ин, муаллиф фасли аввали ин бобро ба пажуҳиши муаммои ҳастӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва ашъори Илё Абумозӣ тахсис дода, дар муқоиса бо орои фалсафаи вуҷуди Хайём қасидаҳои «Фалсафаи ҳаёт», «Масо», «Файласуф-ул-муҷаннаҳ»-ро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар пайвастагӣ ба ин, муҳаққиқ муайян кардааст, ки таассури шоир аз Ҳакими Нишопур дар масъалаҳои дарёфтани муаммои вуҷуд, маю маъшуқа, бевафоии дунё, гузарон будани зиндагӣ, хушгузаронии умр, озодандешӣ ва монанди инҳо инъикос гардидаанд. Дар заминаи баррасии ашъори Илё Абумозӣ ва зикри намунаҳои қолиби шеърӣ муаллиф ба исбот расонидааст, ки шоир воқеан ҳам дар баробари татаббуъ ба шеваи нигориши Умари Хайём дар тафаккуру андешаронӣ истиқлоли назар низ дорад ва ҳамин ҳунару истеъдоди нотакрораш ӯро машҳур кардааст.

Фасли дувуми боби севум зери унвони «Гузарандагии олам ва арзишҳои ҳаёти инсонӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ» перомуни рубоиёти Ҳакими Нишопур ва таҷассуми мазмуну муҳтавои онҳо дар ашъори Илё Абумозӣ баҳс мекунад. Аз қиёси масъалаи дар фасли мазкур матраҳгардида муҳаққиқ ба натиҷае мерасад, ки ҳарду шоир нопойдор будани дунёро таъкид дошта, онро ба яке аз мавзуъҳои асосии шеъри худ қарор додаанд. Аз ин рӯ, онҳо мардумро ба ғанимат шумо/ридани умр, баҳрамандӣ пайдо кардан аз неъматҳои дунёи гузарон ва гирифтори ғаму кулфат насохтани хеш даъват намудаанд.

Дар фасли сеюм мавсум ба «Хамр дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ» муҳаққиқ бо мисолҳо собит месозад, ки хамр асоси озодандешӣ ё андешаҳои риндии рубоиёти Хайёмро ташкил

медиҳад. Бино ба ақидаи муаллифи рисола ҳардуи ин шоирон хамрро ҳамчун василаи мубориза алайҳи зулму ситами замона ба кор бурдаанд.

Аз таҳқиқи фасли чаҳоруми ин боб «Озодандешӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва шеъри Илё Абумозӣ» муҳаққиқ ба чунин хулосае меояд, ки яке аз василаҳои иштиҳори ин ду шоир ин дар даъвати онҳо ҷиҳати аз қайду банди замона раҳо шудан, ба чаҳорчӯби сиёсатҳои замон итоат накардан, озодона андешаҳои худро дар қолаби шеър баён кардан арзёбӣ гардида, чун падидаи раванди таъсир ва таассур ё истиқболи шоири араб аз Умари Хайём маънидод карда мешавад.

Хулосаи умумии диссертатсия низ ба ҳамон равиши муҳаққиқонае, ки дар саросари таҳқиқот ба мушоҳида мерасад, навишта шуда, зубдаи андешаҳои муаллифи диссертатсияро фарогир мебошад.

Диссертатсия бо сабки муҳаққиқона, риояи меъёрҳои баҳси илмӣ, истиқлоли назари муаллиф, корбурди сарчашмаҳои илмиву адабӣ навишта шуда, аз анҷом ёфтани як мавзуи таҳқиқӣ дар адабиётшиносии тоҷик башорат медиҳад.

Диссертант муваффақ гардидааст, ки рӯзгори Илё Абумозиро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, сабки таълиф, сарчашмаҳо, хусусиятҳои мундариҷа, забони баён, ҷойгоҳи девонҳои шоирро дар қаламрави адабиёти навини араб таъйину таъйид созад. Ҳамзамон муаллиф баҳсу андешаронҳои аҳли таҳқиқро нисбати шахсияту ҳайсияти Илё Абумозӣ, баррасии мавзуоти ашъори шоирро дар қиёс бо рубоиёти Умари Хайём ба ваҷҳи аҳсан тавзеҳу ташреҳ дода, ниҳоят хулосаи зарурии илмии хешро манзури донишмандони соҳа гардонидааст.

Дар канори дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқ хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия на дар ҳама ҷо тарҷумаи мутуни арабӣ ба забони тоҷикӣ муайяну мушаххас сурат гирифтааст. Гоҳо забони тарҷумаҳо мавҳуму печида буда, хонандаро аз асли матлаби шоир дур месозанд. Муаллифро зарур аст, ки тарҷумаи онҳоро бознигарӣ кунад, то моҳияти масъала ба хубӣ равшан шавад. Мисол: «Агар нафси ман ба осонӣ аз кифояти маош ором гирифта бошад» (саҳ.81), «Пас, ба нафси худ, чун матлаби ӯ ноёб шуд, гуфтам» (саҳ.82), «эй ки нафасатро афсор мекунӣ» (саҳ.136).
2. Дар баъзе саҳифаҳои рисола овардани иқтибосот аз осори муҳаққиқони муосир нисбатан зиёд ба мушоҳида мерасад (Саҳ. 104, 117, 123, 132, 139).
3. Дар диссертатсия номи баъзе аз адибон ва донишмандон дар шакли хато зикр шудааст, чунончи, шакли дурусти «Нозук ал-Малоика» «Нозик ал-Малоика» (саҳ.39), шакли дурусти «Ал-Ёҷзий» (саҳ.28) «Ал-Ёзиҷӣ» ва шакли саҳеҳи «Ҷамил Садақӣ аз-Заҳавӣ» (саҳ. 85) «Ҷамил Сидқӣ аз-Заҳовӣ» мебошанд.
4. Номи баъзе аз асарҳо хато оварда шудааст. Аз ҷумла, шакли саҳеҳи «Олиҳи ал-арз» (саҳ.24) «Олиҳат-ул-арз»,«Ҳадис-ул-арбаъ» (саҳ. 44) «Ҳадис-ул-арбиъо», «Тазкор ал-мозӣ» (саҳ.42) «Ат-Тазкор-ул-мозӣ», тарзи дурусти «Ал-Аҷниҳат-ул-мункасара» (саҳ. 28) «Ал-Аҷниҳат-ул-мункасира», шакли дурусти «Атёф-ур-рабъ» (саҳ. 31) «Атёф-ур-рабиъ», шакли саҳеҳи «Аш-Шафиқ-ул-бакий» (саҳ. 31) «Аш-шафақ-ул-бокӣ», тарзи дурусти «Нузҳат-ул-аравоҳ» (саҳ. 79) «Нузҳат-ул-арвоҳ», тарзи саҳеҳи «Мароя лилилтиқои ва-л-иртиқои байна-л-адабайни-л-арабӣ ва-л-форисӣ» (саҳ. 84) «Мироя ли-л-илтиқои ва-л-иртиқои байна-л-адабайни-л-арабӣ ва-л-форсӣ» мебошанд.

5. Дар навишти калима ва ибораву ҷумлаҳои арабӣ бояд таҷдиди назар карда шавад, зеро саҳван овардани онҳо зиёд ба мушоҳида мерасад. Мисол: бояд ба ҷои «абийрун» (саӣ. 31) «абирун», ба ҷои «Салма» «Салмо», ба ҷои «фи ал-ҳаёти» (саҳ. 78, 83). «фи-л-ҳаёти», дар ивази «Шеър-ул-арабӣ» (саҳ. 132) «аш-Шиър-ул-арабӣ» оварда шаванд. Ҳамчунин баъзе калимаву ибораҳо нодуруст тарҷума шудаанд. Мисол: ба ҷои «Куллу вашрабу» (саҳ.67), ки «Ҳамагон бинӯшед» тарҷума шудааст, бояд «Кулу ва-шрабу» «Бихуред ва бинӯшед» зикр карда шавад.
6. Дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд (саҳ. 79, 80, 83,84,88, 113, 121).

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни рисоларо коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо низ вақти зиёд тақозо намекунад.

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич таҳти унвони «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Рисолаи диссертатсионии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич таҳти унвони «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи

он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи филологияи араби
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна
«30» ноябри соли 2023

Суроға: 734025, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992) 987509968
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Имзои Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновнаро
"тасдиқ менамоям"
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.
«30» ноябри соли 2023

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992-37) 221-77-11 Факс: (+992-37) 221-48-84
E-mail:info@tnu.tjint.re@gmail.com http://www.tnu.tj